*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 39 (4779) | ҶУМЪА, 29 МАРТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

**Ҳамовозӣ ба мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар**





# ФАЗОИ ДИНӢ ВА ТАҲДИДУ ХАТАРҲОИ МУОСИР

**Таърихи ҷомеаи инсонӣ собит сохтааст, ки дин, дар баробари нақши мусбат доштан дар ташаккули фарҳанги башарӣ, тарбияи ахлоқию маънавӣ ва муттаҳидии инсонҳо, бо мақсадҳои ғаразнок ҳам истифода гардидааст. Дар зери шиорҳои динӣ ҷангҳои хунину кушторҳои зиёде ба анҷом расидаанд, намояндагони илму маърифат, мардони зиёди сиёсат бо баҳонаи ширку бидъат ва кофирию бединӣ таъқибу террор шудаанд.**



**Мавлудахон МИРЗОЗОДА,**
**муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

Муайян намудани ҷойгоҳи воқеии дин дар рушду такомули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар робита бо ҳама унсурҳои иҷтимоию фарҳангияш ва ба сӯйи созандагию пешрафт равона кардани он яке аз ҳадафҳои мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат буд.

Тавре Пешвои миллат изҳор доштанд, мутаассифона, дар фазои динии Тоҷикистон аз ҷумла, хурофоту таассуб, ифротгароии динӣ, тафриқаи мазҳабӣ, сиёсикунонии дин, бетарафӣ, бегонапарастӣ, таълими ғайрирасмии динӣ ва ифротишавии баъзе шаҳрвандон дар шароити кунунӣ ҳамчун таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ боқӣ мемонанд.

Бояд гуфт, ки дар кишвари мо муносибати қонунгузорӣ нисбати таълими динӣ ва фаъолияти муассисаи таълимии динӣ яке аз масъалаҳои бисёр муҳимест, ки ба муносибати дину давлат ва бо маърифати динии мардум робитаи зич дорад. Дар ин робита дар моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» чунин омадааст: «Мутобиқи принсипи ҷудо будани таҳсилоти давлатӣ аз иттиҳодияҳои динӣ таълим дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ хусусияти дунявӣ дошта, дастрас будани намудҳо ва зинаҳои гуногуни таҳсилот, новобаста аз муносибат ба дин, таъмин карда мешавад».

Дар ин робита Президенти мамлакат аз ҷумла, чунин фармуданд: «Таҳлилу баррасии иқдомоти тайи беш аз 32 сол амалкардаи Ҳукумати Тоҷикистон дар муносибат ба дин нишонаи он аст, ки давлати демократӣ ва дунявии мо дар роҳи таъмин намудани озодии виҷдон қадамҳои устувор гузошта, рисолат ва вазифаи таърихии худро дар назди мардуми эътиқодманд дар сатҳи зарурӣ иҷро карда истодааст».

Вале, тибқи сарчашмаҳои боэътимод, дар давраи аз соли 2020 то соли 2023 дар кишвар 680 ҳолат ва дар соли 2023-юм 300 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ ошкор ва ҷалби беш аз 4100 нафар пешгирӣ карда шудааст, ки аз вусъати раванди мағзшӯйии кӯдакону наврасон ва ҷавонон дарак медиҳад. Дар ин давра аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 520 нафар ходимони дин барои чунин қонуншиканиҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Ин дар ҳолест, ки дар 10 соли охир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 1320 ҷинояти монеъ шудани волидайн ба гирифтани таҳсилоти миёнаи асосии фарзандон ошкор гардидааст. Бо вуҷуди ин, 4 ҳазору 150 нафар шаҳрванд бар хилофи тартиби муқарраршуда ба кишварҳои хориҷӣ сафар намуда, ба муассисаҳои таълими динӣ ба таври ғайрирасмӣ шомил шудаанд, ки боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар мулоқоти мазкур Пешвои миллат дар бораи таҳсили ғайрирасмии динӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат сухан ронда, вобаста ба таҳдиду хатарҳои он чунин изҳор намуданд: «Шахсоне, ки аз таҳсил дар муассисаҳои таълими динии ғайрирасмӣ ва шубҳаноки кишварҳои хориҷӣ бармегарданд, ба фазои динии Тоҷикистон афкори тундраву душманонаро ворид месозанд».

Пешвои миллат, инчунин, зикр намуданд: «Дар замони шуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 34 масҷид, 15 калисо, ду куништ (синагога) фаъолият доштанд. На ҳаҷ буд, на ҳоҷӣ буд, на умра буд, на донишкадаи исломӣ ва на шумораи зиёди масҷидҳои панҷвақтаю ҷумъахонӣ. Вале бо вуҷуди чунин маҳдудиятҳои қатъии он замон на ифротӣ буд, на терористи динӣ ва на фитнаву дасисаи динӣ».

Мутаассифона, бар ивази ҳама тадбирҳои то имрӯз амалигардида ва дастгирию пуштибонии давлату Ҳукумат ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани вазъи динӣ дар мамлакат таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастию зиёдаравӣ, ифротгаройӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар ва нигаронии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст.

Гумони ғолиб он аст, ки барои сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик омили ифротишавии ҷомеа ва пайвастани шаҳрвандон ба созмонҳои террористии хусусияти динидошта дар шароити кунунӣ низ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ боқӣ мемонад ва дар сурати пешгирӣ нагардидани ин раванд оқибати ногувор хоҳад дошт.

Бинобар ин, аҳли зиё ва намояндагони динро мебояд ҳисси баланди ифтихори миллӣ дошта бошанд, дар фаъолияти худ арзишҳо ва манфиатҳои миллиро дар мадди аввал гузоранд. Масъалаи дарки манфиати миллӣ ва ҳимояи он дониши баланди сиёсиро талаб менамояд. Агар ҷомеа, хусусан ходимони дин, бо донишҳои сиёсӣ мусаллаҳ бошанд ва вазъи печидаю мураккаби геополитикии муосирро дарк намоянд, метавонанд аз манфиати миллату давлат ҳамеша пуштибонӣ намоянд ва аз ҳама муҳим, ба доми фиреби гурӯҳҳои манфиатхоҳ гирифтор нашаванд.

Ходими дин, пеш аз ҳама, нисбати тақдири ватанаш бетарафу бепарво набояд бошад. Агар яке аз сабабҳои ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашидани аҳолӣ истифодаи ғаразноки эҳсоси динии мардум буд, дигар омили асосӣ бетарафию бетафовутӣ нисбат ба тақдири давлат ва миллат маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, вохӯрии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат ба тарбияи маънавию ахлоқӣ ва дуруст ба роҳ мондани муносибати давлат ва созмону ташкилотҳои динӣ-мазҳабӣ, дарки дурусти манфиатҳои миллӣ таъсири амиқ гузошт. Мо, вакилони мардумӣ, фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин, вазифадорем, ки муҳтаво ва гуфтаҳои пурҳикмати Пешвои миллатро дар зеҳни мардум ҷо намоем.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024»**

**Моддаи 1.** Қисми 1 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» аз 18 ноябри соли 2023 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023, №11, мод. 484) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Андоз аз арзиши иловашуда барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридоти гандум, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, аз ҷумла маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин фурӯши равғани растанӣ барои корхонаҳои коркарди равған бо меъёри 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот - хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 7 дарсад муқаррар карда шавад. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ) барои фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда, аз ҷумла маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин барои коркарди равғани растанӣ ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот - хӯроки паранда ва чорво) 7 дарсад зиёд бошад. Муқаррароти мазкур ба имтиёзҳои пешбининамудаи сархати сездаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 13) моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегарданд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 марти соли 2024, № 2046**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 20 марти соли 2024, № 1240**

# ЗИРАКИИ СИЁСИРО АЗ ДАСТ НАДИҲЕД!

## Моҳияти ин таъкиди Пешвои миллат дар шароити кунунӣ садчанд афзун гардид

**Ҳамлаи террористӣ ба маҷмааи «Крокус Сити Холл» дар наздикии Москва, ки бар асари он шумораи зиёди шаҳрвандони Россия ба ҳалокат расида ва қисме захмӣ шуданд, айни замон дар сарҳати расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ қарор дорад. Ба сифати шаҳрванди Тоҷикистон аз фавти ашхоси бегуноҳ андуҳгинем ва орзуманди шифои оҷили нафарони захмӣ ҳастем. Ҳамзамон, боиси нигаронист, ки гумонбарони ин ҳамлаи террористӣ, ҳамон тавре ки сохторҳои дахлдори Федератсияи Россия эълон карданд, ҳамватанони мо мебошанд.**

Дар ин бобат норавшаниҳо зиёд буда, мутмаинем ба шарофати таҳқиқи мӯшикофонаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Федератсияи Россия ҳатман возеҳ хоҳанд шуд. Ҳамон тавре намояндаи Вазорати корҳои хориҷии кишвари мо Шоҳин Самадӣ изҳор дошт: «вобаста ба ин масъала саволҳо зиёданд...».

Ба ҳеҷ ваҷҳ ҷонибдори бетарафию бетафовутӣ доир ба дилхоҳ масъалаи ба миллату меҳан рабтдошта нестем. Бо дарки масъулият мегӯем ва ифтихормандем, ки дар ягон ҳолат бетарафиро пеша накардаем, зеро, тавре Пешвои миллат фармудаанд: «Бетарафӣ нишонаи марг аст».

Аз ин лиҳоз, бояд аз манфиатҳои миллию давлатӣ ва ҳуқуқҳои ҳамватанонамон дар хориҷи кишвар ҳимоя кунем, вале ин амал бояд таври шоиста амалӣ шавад, то пайомадаш хизмати хирсона нагардад.

Роҳу василаҳои садо баланд кардан барои ҷонибдории ҳамватанонамон зиёданд, танҳо садоқат, самимият ва касбияти баланд лозим аст, то дар ин самт комёб бошем. Биноан, ҳар як шахси қонунмеҳвар ва аз набзи ҷаҳони муосир то андозае огоҳ бояд зимни ибрози андешаҳои марбут ба ин масъала назокату махсусияти дахлдорро риоя намояд. Вале, мутаассифона, аз андешарониҳои як идда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар бораи моҳияту мақсади ин ҳамла умуман маълумот надоранд ва ё дидаю дониста зери табли касе арғушт рафта истодаанд. Дар ин марҳилаи ҳассос ашхосе «зуҳур" карданд, ки бо вуҷуди аз кӯчаи сиёсат ва дипломатия нагузаштан, пандгӯю пайи эрод шуда, дар рафтору гуфтор ва кирдорашон аз популизми сиёсӣ ва ҳолати баамаломада суиистифода карданианд.

Бинобар ин, сармашқи кори мо бояд таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати аз даст надодани зиракии сиёсӣ бошад, вагарна, ҳар як сухани носанҷидаю беасоси мо метавонад то андозае аз ҷониби доираҳои ҳавасманд ва манфиатдор суиистифода гардад.

Мутаассифем, ки аз лаҳзаи аввали рух додани ин ҳодиса дар сигманти тоҷикии Фейсбук баъзе ҳамватанони мо ба осиёби чунин ашхос об рехтанд, дар ҳоле ки мақомоти расмии Федератсияи Россия дар аввал гумонбаршудаҳоро шаҳрвандони кишвари хориҷӣ номида буданд ва номи кишвари мо дар ягон сарчашма зикр нагардида буд.

Илова бар ин, ашхоси андешаҳояшон дар Федератсияи Россия қобили пазириш, аз ҷумла журналисти маъруф Владимир Соловёв, вазири сиёсати миллии Ҷумҳурии Чеченистон Аҳмад Дудаев, овозхони шинохта Тимати ва даҳҳо нафари дигар, ба ҷонибдории мо - тоҷикон садо баланд карданд.

Ҳатто блогери маъруф Гасан Гусейнов, ки ташрифу тибқи таомули тоҷикон меҳмондорӣ шуданаш дар кишвари мо боиси нороҳатии баъзеҳо шуда буд, таври шоиста ҳаммиллатони моро ҳимоя кард.

### РАФОҚАТУ ФАЗИЛАТ ВА ДУРАНДЕШӢ

**Арзишҳое, ки президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар ин марҳилаи ҳассос ба маъраз гузоштанд**

Ба сифати журналист то андозае аз авзои ҷаҳон огоҳ ва мутмаинем, ки маҳз, нақши Пешвои миллат баҳри муайяннамоӣ ва расидан ба ҳадафҳо, коркарду пешбурди усулҳои самаровар ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ қобили қабул дар сиёсати хориҷии мамлакат меҳвар ва муассир аст.

Муҳиму беназир он аст, ки тавсеа ва тақвияти сиёсати хориҷии кишвари мо ба тахайюли коршиносону ба истилоҳ назарияпардозон рабте надошта, маҳсули фаъолияти пурмаҳсул, иродаи қавӣ ва рӯҳияи шикастнопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.

Дурандешии Сарвари давлати мо вобаста ба ин қазия ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надошта, зимни баёни мавқеъ тамоми назокатҳо риоя шудаанд. Дар ин робита, 23 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин барқияи тасаллият ирсол намуда таъкид карданд: «Мо ин кирдори зӯроварии ғайриинсониро, ки наметавонад бо ягон далел асоснок карда шавад, қотеона маҳкум мекунем».

Илова бар ин, 24-уми март муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин суҳбати телефонӣ анҷом доданд. Дар рафти суҳбат Пешвои миллат кирдори террористии золимонаи хунинро дар маҷмааи «Крокус Сити Холл» қатъиян маҳкум карда таъкид намуданд, ки «террористон на миллат доранду на ватан ва на эътиқод».

Муҳимтар аз ҳама, ҷонибҳо, ҳамчунин, рағбати худро ҷиҳати идомаи ҳамкории зич дар мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва зуҳуроти тундгароии динӣ, ки хатари ҷиддиро ба амният ба бор меоранд, тасдиқ намуданд. Дар ин замина, аҳамияти минбаъд ҳам вусъат бахшидани талошҳои муштарак ҷиҳати тамосҳои доимӣ ва ҳамоҳангсозиҳо байни идораҳо ва хадамоти марбутаи ҷонибҳо бо мақсади аксуламали самарабахш ва муборизаи муштарак алайҳи ин хатарҳо таъкид гардид.

Масъалаи муҳиме, ки мехоҳем онро алоҳида таъкид намоем, муроҷиати Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин вобаста ба ҳодисаи мавриди назар ба мардуми кишвараш аст. Дар ин муроҷиат Президенти Федератсияи Россия ҳамраъйии худро ба суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати он ки «террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад» иброз намуд.

Муҳимтар аз ҳама, Президенти Федератсияи Россия чунин таъкид кард: «Ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ намедиҳем, то дар кишвари сермиллати мо тухми заҳрогини низои наҷодӣ кошта шавад». Дар фарҷом эътироф намуд, ки Федератсияи Россия борҳо бо чунин ҳолат мувоҷеҳ шуда, онҳоро паси сар намудааст.

Мутаассифона, зимни ибрози андешаҳо вобаста ба ҳамлаи террористии зикршуда ба ин муроҷиати Президенти Федератсияи Россия таваҷҷуҳ ва истинод нисбатан кам буд.

Дар маҷмӯъ, рафоқату фазилат ва дурандешӣ омилҳое мебошанд, ки президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия дар ин марҳилаи ҳассос ба маъраз гузоштанд.

### ГӮШ ҲАРФИ РОҲБАР БОЯД КУНЕМ!!!

Ҳодисаи мазкур аҳли ҷомеаро дар дарки моҳияти мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар (9-уми марти соли равон) амиқтар бурд. Кулли шаҳрвандони мамлакат бори дигар мутмаин гардиданд, ки ба таъбири Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб: «Гӯш ҳарфи Роҳбар бояд кунем ...».

Дар ин мулоқот Сарвари давлат доир ба равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз ҷумла, бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаю низоъҳои динию мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, инчунин, таъсири онҳо ба ҷомеа ва давлати мо, андешаҳои пурҳикмат иброз карданд.

Набояд фаромӯш кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои 90-уми асри XX дар оғози бунёди давлати соҳибихтиёри худ ҳадафи амалҳои тахрибкоронаи террористону ифротгароён бо дастгирии хоҷагони хориҷии онҳо қарор гирифт. Дар он айём маҳз шохаҳои терроризми байналмилалӣ ва ифротгароён кишвари моро ба саҳнаи озмоиши қудрати маргбори худ ва ҳадафи муғризона табдил дода буданд.

«Орзуи мушкил»-и саркардаю сарпарастони онҳо ба сари мардум таҳмил кардани фарҳанги бегонаю тафаккури асримиёнагӣ буд.

Хушбахтона, мардуми шарифи кишварамон бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат, абармарди дунёи сиёсат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллиро таъмин кунад. Фидокорию мардонагии Пешвои миллат боис гардид, ки пеши роҳи амалҳои террористону ифротгароёни дохилию хориҷӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо гирифта шавад.

Ҳаводиси охири ҷаҳони муосир бори дигар исбот кард, ки бояд дар робита ба терроризм ва ифротгаройӣ мавқеъ ва меъёрҳои ягонаю умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд. Бамаврид аст ёдовар шавем, ки ҳанӯз дар солҳои навадуми асри гузашта бо истифода аз минбари созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати тадбирандешиҳои бетаъхирро дар ин самт таъкид карда буданд.

Ҳамон тавре муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд: «Дар суҳбатҳои хоса баъзе сиёсатмадорони сатҳи баланд мегуфтанд, ки ин мушкилоти шумо ва минтақа аст, на мушкилоти мо. Илова бар ин, чунин мешумориданд, ки сабабҳои пайдо шудани ин мушкилот рақобатҳои носолими қавмиву этникӣ дар минтақа аст». Мутаассифона, бо сабаби бетафовутӣ ва ривоҷ ёфтани «меъёрҳои дугона» гурӯҳҳои террористӣ тавонистанд дар як қатор кишварҳои аврупоӣ даст ба амалҳои террористӣ зада, боиси ҳалокати одамон ва ноорамии вазъ шаванд.

Бо гузашти вақти на он қадар зиёд моҳияти суханони пурҳикмати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Муборизаи самарабахш алайҳи терроризму ифротгаройӣ ва тундгаройии хушунатангез ба ҳеҷ ваҷҳ сиёсати «меъёрҳои дугона»-ро намепазирад» ва «Террорист террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ «худӣ» ё «бегона» ва ё «таҳаммулгаро»-ву «тундгаро» буда наметавонад», собит гардид.

Натиҷаи беэътиноии сиёсист, ки мушкилоти онвақта имрӯз ба хатару таҳдиди глобалӣ табдил ёфтааст. Ин зуҳуроти номатлуб, аллакай, хислати ҷаҳонӣ касб намуда, ба таъбири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дар шароити мураккабу пуртазоди имрӯза мо бояд ҳамкорӣ кунем, на рақобату бартариҷӯйӣ».

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**



# ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲО МАВРИДИ БАРРАСӢ ҚАРОР ДОДА ШУД

**28-уми марти соли 2024 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода бо ҳайати парлумонии Гурҷистон таҳти роҳбарии раиси Кумита оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Николоз Самхарадзе, ки бо сафари корӣ ба Тоҷикистон омадаанд, мулоқот намуд.**

Дар мулоқот вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Гурҷистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Ҷумҳурии Гурҷистон, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Барои ба сатҳи сифатан нав расонидани муносибатҳо дар навбати аввал беҳтарсозии кори гурӯҳи парлумонӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парлумони Гурҷистон муҳим шуморида шуд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки тавассути муколамаҳои доимии сатҳи баланд робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Гурҷистон дар ҳама самтҳо мазмуну мундариҷаи нав касб намуда, дар оянда доираҳои зиёди мавриди таваҷҷуҳ ва барои тарафҳо манфиатоварро фаро хоҳанд гирифт.



Худи ҳамон рӯз раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода низ бо ҳайати парлумонии Гурҷистон мулоқот намуд, ки зимни он масоили кунунӣ ва дурнамои муносиботи байнипарлумонии ҳар ду кишвар баррасӣ шуданд.

# ТАДБИРҲОИ МУБОРИЗА БО МУҲОҶИРАТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ПЕШНИҲОД ШУДАНД

**28-уми марти соли 2024 дар қароргоҳи Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ҷаласаи Комиссияи доимии СААД оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баргузор гардид.**



Дар кори ҷаласаи мазкур раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ дар реҷаи фосилавӣ иштирок намуд. Дар ҷаласа лоиҳаи «Тавсия оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии кишварҳои узви СААД дар соҳаи мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Зикр гардид, ки ин тавсияҳо бо пешниҳоди Комиссияи доимии Палатаи намояндагони Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус оид ба амнияти миллӣ тибқи «Барномаи фаъолияти Ассамблеяи парлумонии СААД оид ба наздиксозӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии кишварҳои узви СААД барои солҳои 2021-2025» пешниҳод шудааст.

- Дар шароити муосири иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳоҷирати аҳолӣ объективона унсури муҳимтаринест, ки фаъолияти самараноки ҳам механизмҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ҳам миллиро таъмин менамояд. Яке аз тамоюлҳои номусоиди рушди падидаи муҳоҷирати аҳолӣ дар ҷаҳони муосир миқёси афзояндаи шаклҳои ғайриқонунии он мебошад, - иброз намуд дар ҷаласа муовини якуми сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Беларус Алексей Башан.

Таҳиягарони тавсияҳо дар баромадашон, ҳамчунин, таъкид карданд, ки дар ин санад имкони ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани ҳар нафареро, ки тартиби муқарраршудаи муҳоҷиратро вайрон мекунад, пешбинӣ шудааст.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# НАҚШИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҚОМИ ЗАНОН

**Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ роҳ ба самти рушди давлати демократии ҳуқуқбунёдро пеш гирифт, ки асосҳои он возеҳ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидаанд.**

Дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани мақом ва нақши занон дар ҷомеа, густариши фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, таҳким бахшидани мавқеи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, пешбарии онҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда диққати ҷиддӣ зоҳир мешавад. Асосҳои ҳуқуқии сиёсати мазкурро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ташкил медиҳанд.

Тоҷикистон дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда конвенсияҳои байналхалқӣ «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои таъбизи занон», «Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии зан»-ро ба тасвиб расонд.

Баъд аз содир гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», қабул гардид, ки ба марҳилаи сифатан болоравии мақоми занон дар кишвар оғоз бахшид.

Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду марҳила (солҳои 2011-2020 ва 2021-2030), Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар се марҳила (солҳои 2007-2016, 2017-2022 ва 2023-2030) қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд.

Яке аз омилҳои муҳими таъсиргузор ба ин раванд маърифатнокии занон ба шумор рафта, дар ин радиф барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таълиму тарбияи духтарон, ба таҳсил фаро гирифтани онҳо, омода намудани кадрҳои аз лиҳози зеҳнӣ ташаккулёфта таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Бо ибтикори Роҳбари мамлакат баҳри дастгирии давлатии духтарони болаёқат ва ҷалби онҳо ба таҳсил квотаҳои президентӣ таъсис ёфта, аз соли 1997 то соли 2021 тибқи он 13384 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани стипендия, идрорпулиҳо барои духтарон, таъсиси марказ барои духтарони ятим ва ҳифзи саломатии занон мавқеи муҳимро касб намуд.

Дар натиҷа, мавқеи занон аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро ташкил медиҳанд.

Ҷомеа ба занону бонувони орифаву отифа, дорои эҳсоси баланди ватанпарастӣ ва худогоҳии миллӣ, меҳнатдӯсту ботаҳаммул, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор ниёз дорад. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои зикршуда курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ таҳти унвони «Духтарони пешво», «Зан - роҳбар», «Зан - сарвар», «Мактаби сарварони ҷавон», «Зан ва сиёсат» ташкил шуда, занону духтарони зиёд ихтисосашонро такмил доданд.



Барои муназзамии фаъолият ва ҳамоҳангсозии масъалаҳои марбут ба занон Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои минтақавии он дар шаҳру ноҳияҳо таъсис дода шуд.

Ҳамин тариқ, бо шарофати сиёсати бунёдкорона ва хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз занону бонувон дар умури давлатдорӣ фаъолона иштирок доранд, ки ин нишонаи соҳибиззату соҳибэҳтиром будани онҳо дар ҷомеа мебошад.

**Мавлуда ҶАЛИЛОВА,**
**мутахассиси пешбари Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон**

# ИСТЕҲСОЛИ БИОЭТАНОЛ

## Он метавонад буҳрони иқлимиро пешгирӣ намояд

**Олимони аксар кишварҳои мутараққӣ манбаъҳои алтернативии энергияро ҷустуҷӯ доранд. Сабаби аввал сол то сол камшавии захираи нефту газ дар сайёра мебошад. Чунончи, кишвари ҳамсоямон Ӯзбекистон, ки дар даврони шуравӣ ҷумҳуриҳои ҳамсояро бо газ таъмин мекард, имрӯз бинобар кам шудани захираи гази табиӣ аз Федератсияи Россия ва Туркманистон газ ворид мекунад.**

Сабаби дигар торафт баланд шудани нархи сӯзишворӣ мебошад. Инчунин, бо сабаби муқаррар кардани ҳар гуна инҳисор (эмбарго) ба кишварҳои алоҳида, воридкунии сӯзишворӣ мушкил шуд.

Яке аз роҳҳои алтернативии истеҳсоли сӯзишворӣ истифодаи биоэтанол мебошад. Биоэтанол спирти этилӣ аст, ки бо роҳи коркарди ашёи набототӣ, аз қабили найшакар, ҷуворимакка, картошка ва ғайра, истеҳсол мешавад. Биоэтанол сӯзишвории «сабз» маҳсуб ёфта, барқароршаванда аст. Ҳангоми сӯхтани он газҳои гулхонаӣ (парникӣ), аз ҷумла гази карбонат, нисбат ба сӯзишвориҳои нафтӣ 65 дарсад камтар хориҷ мешавад. Дар таркиби биоэтанол миқдори хлор ва сулфур, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, хеле кам аст. Истеҳсоли биоэтанол баҳри пешгирии гармшавии иқлим хеле муҳим мебошад, зеро истифодаи нефту газу ангиштсанг буҳрони иқлимиро шиддат бахшида, боиси камборишӣ, тӯфон, хушксолӣ, хокбориш, обхезӣ ва дигар офатҳои табиӣ мегарданд.

Истифодаи биоэтанол дар Бразилия, ИМА, Англия, Чин, Ҳиндустон ва ғайра хуб ба роҳ монда шудааст. Дар Бразилия онро аз найшакар, ИМА - аз ҷуворимакка, Англия - аз лаблабуи қанд истеҳсол мекунанд. Ҳиссаи истеҳсолу фурӯши биоэтанол дар бозори ҷаҳонӣ аз 150 миллиард доллар гузаштааст.

Корхонаи ватании ҶСП «Фондарё» ҳанӯз соли 2007 дар Осиёи Марказӣ нахустин шуда истеҳсоли биоэтанолро аз ҷуворимакка ба роҳ монда буд. Дар атрофи шаҳри Душанбе мошинҳои фурӯши сӯзишворӣ бо навиштаҷоти «биоэтанол» ба хоҳишмандон сӯзишвории аз лиҳози экологӣ тозаро пешкаш менамуданд. Чандин нафар соҳиби ҷойи кор низ шуданд. Хоҷагиҳои кишоварзӣ дар кишти такрорӣ ба ҷуворимакка афзалият дода, ҳосилашро яклухт ба корхонаи «Фондарё» меоварданд. Ронандагон аз истифодаи биоэтанол қаноатмандӣ карда, хушҳолона мегуфтанд, ки «нафаси мошин кушода шуд».

Баъдан, корхонаи мазкур ба минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» кӯчонда шуд. Чанде пеш директори ҶСП «Фондарё» Садафмоҳ Абдуллоева изҳор намуд, ки рӯзҳои наздик корхона истеҳсоли биоэтанолро дубора ба роҳ мемонад. Дар марҳилаи аввал ашёи хом ҷуворимакка хоҳад буд. Оянда истеҳсоли биоэтанол аз дигар зироат низ дар назар дошта шудааст.

Ба гуфтаи доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Сайфиддин Садриддинов, дар кишварамон топинамбур (ноки заминӣ, «картошкагул»), ки аз крахмал бой аст, низ барои истеҳсоли биоэтанол дурнамои хуб дорад. Ин зироат дар замини лалмӣ ҳам хуб нашъунамо карда, қобилияти зуд афзоиш ёфтанро дорад. Агар хоҷагиҳо бо роҳбарияти корхона шартнома баста, киштту парвариши онро ба роҳ монанд, даромадашон бештар шуда, ҳазорҳо гектар замини бекорхобида мавриди истифода қарор мегиранд, зеро топинамбурро дар он ҷойҳое, ки зироатҳои дигар хуб намерӯянд, парвариш кардан мумкин аст.

- Аз тарафи дигар, маҳсулоти баъди коркард пайдошударо метавон ҳамчун ғизои чорво истифода бурд. Сипас, порuи чорворо метавон дар чоҳҳои махсуси бетонӣ ба биогаз табдил дода, аз он сӯзишворӣ истеҳсол кард. Иловатан, пасмондаи он нурии дараҷаи олии органикӣ мешавад, - иброз намуд Сайфиддин Садриддинов.

Имрӯз олимон истеҳсоли биоэтанол аз обсабзҳоро ҳам аз лиҳози экологӣ, ҳам аз лиҳози амнияти энергетикӣ ва ҳам иқтисодӣ муфид мешуморанд. Яке аз чунин обсабзҳои ояндадор эйхорния (гиатсинти обӣ) мебошад. Моҳи апрели соли 2010 мутахассисони ҶСП «Фондарё» дар ҳавзҳои биологии КВД «Обу корези шаҳри Душанбе» дар маҳаллаи Гулбутта кишти эйхорнияро ба роҳ монданд.

Ин обсабзи манфиатнок, ки гулҳои кабуди назаррабо дорад, босуръат нашъунамо ёфта, ба зудӣ ҳавзро саросар пӯшонд. Моҳи июни ҳамон сол эйхорнияро ба дигар ҳавзҳо кӯчат карданд. Дар натиҷаи афзоиши босуръат то моҳи сентябр эйхорния тамоми 19 ҳавзи биологиро «забт» намуд. То ҳамон дам мардуми маҳаллаи Гулбутта ҳар сол дар мавсими гармӣ аз бӯи бади ҳавзҳои биологӣ нафасгир мешуданд. Чандин нафар ҳатто аз бӯи бади ҳавзҳо гирифтори бемории диққи нафас (астма) гашта буданд. Баъд аз шинондани эйхорния дар ин ҳавзҳо бӯи бад гум ва оби ҳавзҳо тоза гашт. Санҷишҳои лабораторӣ нишон доданд, ки оби баъд аз киштзори эйхорния софшуда ҳатто аз поёноби дарёи Душанбе, ки ба рӯди Кофарниҳон ҳамроҳ мешавад, тозатар аст.

Соли 2011 аз эйхорния дар чоҳҳои бетонӣ (метантенк) гази биологӣ низ тавлид шуд. Мутаассифона, ин иқдоми неки ширкати «Фондарё» дар нимароҳ монд. Ҳоло дубора ба роҳ мондани парваришу коркарди он айни муддаост.

Ба гуфти муовини сардори раёсати робитаҳои байналмилалӣ, илм ва татбиқи дастовардҳои илмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои кишоварзӣ Шамсиддин Солиев, эйхорния дар натиҷаи биосинтез обро аз моддаҳои заҳрнок ва бадбӯй тоза мекунад. Дар баробари ин, эйхорния барои чорво, мурғ ва моҳӣ беҳтарин ғизо ба шумор меравад. Ин гиёҳ дар таркибаш ба миқдори зиёд протеин, каротин, витаминҳои A, B, C ва E дорад. Олимон ҳисоб кардаанд, ки як гектар киштзори эйхорния дар як мавсим то 1000 тонна силос медиҳад, ки аз он 18-22 тонна ғизои хушки витаминдор гирифтан мумкин аст.

Ба роҳ мондани истеҳсоли биоэтанол вобастагии ҷумҳуриро аз сӯзишвории воридотӣ кам карда, ифлосшавии муҳити зистро пешгирӣ менамояд.

Аз тарафи дигар, соҳаи мазкур боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад. Чунончи, дар Бразилия дар ин соҳа аз парваришу ҷамъоварии найшакар сар карда, то кашондани он қариб як миллион нафар бо ҷойи кор таъминанд. Дар ин кишвар, ки худро ба сӯзишвории «сабз» пурра таъмин мекунад, соле зиёда аз 20 миллиард литр биоэтанол истеҳсол мешавад.

Тавре зикр намудем, биоэтанол сӯзишвории барқароршаванда буда, бо кишти зироати крахмалдор дар мамлакат истеҳсоли доимии онро ба роҳ мондан лозим аст. Вақте энергияи «сабз» мегӯем, ғайр аз неруи барқ сӯзишвориро низ дар назар дорем.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 98 дарсади неруи барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешаванд. Агар истеҳсоли сӯзишвории «сабз» низ дар ҷумҳурӣ васеъ ба роҳ монда шавад, кишвари мо дар ҷаҳон дар самти энергия ва иқтисоди «сабз» ба яке аз пешқадамон табдил хоҳад гашт.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# РАВОБИТИ ГУНОГУНҶАНБА ТАҲКИМ МЕЁБАД

**23-юми марти соли 1956 Покистон аввалин маротиба конститутсияи худро қабул карда, ин санаро Рӯзи Покистон ва ё Рӯзи ҷумҳурӣ эътироф намуд, ки ҳар сол дар ин кишвар 23-юми март чун ҷашни миллӣ ба таври расмӣ таҷлил мегардад.**



Бояд гуфт, ки Тоҷикистон бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Ҳиндустону Покистон чун узви фаъоли СММ ва СҲШ, ҳамкориҳои хуби дипломатӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ дорад. Покистон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва сафораташро дар Душанбе боз намуд. Тибқи сарчашмаҳо, дар кишвари Покистон беш аз 2 миллион тоҷиктаборон умр ба сар мебаранд.

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон аз байни манотиқи Осиёи Миёна ягона кишваре мебошад, ки бо Покистон пайванди ҷуғрофии наздик дошта, равобити дипломатӣ миёни кишварҳо 6 июни 1992 барқарор шуд.

Даҳ соли охир табодули тиҷоратии ҳар ду кишвар то 100 миллион доллари амрикоӣ расида, тарафҳо талош доранд, онро боз ҳам афзоиш дода, ба 500 миллион доллар расонанд.

Тоҷикистон ва Покистон якҷоя метавонанд дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла барқу энергетика, ҳамкориҳоро хубтару бештар тақвият бахшида, рушди ҳамгироии минтақавиро дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои дуҷониба ва созмонҳо тавсеа диҳанд. Бо рушди равобит байни Тоҷикистон ва Покистон масири тиҷоратӣ дар байни дигар манотиқ низ тақвият меёбад.

Қобили зикр аст, ки кишвари Покистон кишоварзӣ буда, воҳиди пулиаш руппия, содироти асосии он нефт, чарм, либос, матоъ, пахта, биринҷ, хӯрокворӣ ва молҳои ороишӣ мебошад. Воридоти ин кишвар маҳсулоти мошинсозӣ, саноати химия, таҷҳизоти нақлия, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданиро ташкил медиҳад.

Яке аз дигар самтҳое, ки Тоҷикистон ва Покистонро бо ҳам наздик месозад, амалисозии лоиҳаи CASA-1000 мебошад, ки ташаббускору ҳамоҳангсози асосии он Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон мебошанд. Бояд қайд кард, ки ҳадафи асосии лоиҳаи CASA-1000 интиқоли барқи обӣ аз Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ мебошад.

Тоҷикистон ва Покистон метавонанд, дар бахшҳои кишоварзӣ ва саноат низ ҳамкории худро рушд диҳанд, зеро ҳар ду кишвар дорои манобеи хуби кишоварзӣ ва саноатӣ ҳастанд. Тоҷикистон метавонад, дар бахши коркарди ғизо ва нассоҷӣ аз таҷриба ва саноати Покистон истифода намояд, чунки ин кишвар дар тавлид ва коркарди маҳсулоти пахтагӣ дар ҷаҳон ҷойи сеюмро ишғол мекунад.

Ҳоло Тоҷикистону Покистон муносибатҳои дипломатии хуб дошта, роҳбарияти ҳар ду кишвар рушди робитаҳои гуногунҷанбаро баланд арзёбӣ намуда, алоқаманди боз ҳам тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар ҳама арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз ҷумла сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон мебошанд.

Бо сиёсатҳои созандаю сулҳҷӯёнаи роҳбарияти кишварҳо муносибатҳои дипломатӣ ва дӯстию ҳамкориҳои судманд бо анъанаҳои муштараки неки дерина идома ёфта, аз таҷрибаҳои фаровони саноатӣ ва тиҷоратии якдигар хуб истифода намуда, дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои дуҷонибаю чандҷониба ва форуму созмонҳои минтақавию фароминтақавӣ равобитро таҳкиму тавсеа хоҳанд бахшид.

**Мирсаид РАҲМОНОВ,**
**коршиноси масоили Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти Осиё ва Аврупои АМИТ**

# ЗӮРОВАРӢ АЗ КУҶО МАНШАЪ МЕГИРАД?

**Солҳои охир, ба шарофати истиқлолият ва дастгирию ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақому манзалати бонувон дар ҷомеа боло рафт.**

«Мо, ҳамчунин, ба нақши зан-модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад», - таъкид намуданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар.

Мутаассифона, бо вуҷуди сол то сол баланд шудани мақоми занон дар ҷомеа, таъкидҳои пайвастаи Роҳбари давлат ва дигар бузургони гузаштаву имрӯза дар масъалаи арҷгузорӣ ба занону бонувон, ҳанӯз ҳам қисме аз онҳо дар оила дучори зӯроварӣ мегарданд.

Мавриди зикр аст, ки зӯроварӣ нисбат ба занон дар ҷаҳон яке аз шаклҳои маъмултарини табъизи ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Ин шакли табъиз аз тасаввуроти нодуруст дар бораи нақш ва мавқеи занон дар ҷомеа маншаъ мегирад. Зӯроварӣ дар оила ҳуқуқҳои бунёдии инсонро поймол намуда, яке аз ҷиноятҳои вазнинтарини зидди шахсият маҳсуб меёбад. Хушбахтона, дар кишвари мо ҷиҳати решакан намудани ин зуҳуроти номатлуб бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки муҳимтаринаш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мебошад. Қонуни мазкур на фақат ҳуқуқҳои занону шаҳрвандони дар ақди никоҳи расмибуда ва кӯдакони онҳо, балки ҳуқуқҳои онҳоеро, ки бидуни ақди никоҳи расмӣ зиндагии якҷоя доранд, инчунин, ҳуқуқҳои кӯдаконеро, ки дар чунин оилаҳо ба дунё омадаанд, низ ҳимоя мекунад.

Маврид ба зикр аст, ки оилаи солим ҷомеаи солимро ба вуҷуд меорад. Асоси оилаи солимро маърифатнокии оила ташкил медиҳад. Фарзанд дар оилаи бомаърифат чун инсони комил ба воя мерасад.

Зӯроварӣ дар оила кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви он буда, дар шакли ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ инъикос меёбад.

Истифодаи қувваи ҷисмонӣ ба шахс зарба задан, латукӯб намудан, буғӣ кардан, ба қатл расонидан ва ғайра мебошад, ки ин омилҳои зиддиҳуқуқӣ аз паст будани маърифати оиладорӣ шаҳодат медиҳад. Зӯроварӣ дар оила ҳам аз ҷиҳати меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқӣ амали манъшуда ба ҳисоб меравад. Он амале мебошад, ки бештар хосияти харобиовар дорад. Қайд намудан бамаврид аст, ки зӯроварӣ дар оила на танҳо ҳолати равонӣ, ҷисмонӣ ва эҳсоси амнияти дохилии ҷабрдидаро суст мекунад, инчунин, дорои дигар оқибатҳои манфӣ барои тамоми ҷомеа мебошад. Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила одатан аз ҷомеа худашонро дур мегиранд, ба атрофиёни наздик алоқаро гум мекунанд, дар таҳсилу кор мушкилӣ мекашанд. Онҳо наметавонанд ба фаъолияти пурсамар ба манфиати ҷомеа машғул бошанд. Аз ин рӯ, зӯроварӣ дар оила раванди номатлуб ба ҳисоб рафта, он ба поймол гардидани ҳуқуқҳои инсон замина мегузорад. Мутаассифона, аксаран дашному ҳақорат, масхара кардан байни аъзоёни оиларо чун баҳс, низоъ ва ҷанҷоли оилавӣ ҳисобида, онро ба кирдори дохилиоилавӣ шомил мекунанд.

Ҳисоботи оморӣ ва таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки миқдори зиёди парвандаҳои оилавии баррасигардидаро асосан даъвоҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ ташкил медиҳанд. Амалияи суд ҳангоми омӯзиш ва баррасии чунин категорияҳои парвандаҳо муайян намуд, ки яке аз сабабҳои асосии содиршавии зӯроварӣ дар оила вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ, бекор гардидани ақди никоҳ ва ғайра мебошад. Омӯзиши парвандаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон вобаста ба масъалаи никоҳу оила дар сатҳи паст қарор дошта, он ба вайрон шудани оилаҳои ҷавон ва халалдор гардидани ҳуқуқу манфиати кӯдакони ноболиғ оварда мерасонад. Сабаби дигар дар сатҳи паст қарор доштани корҳои тарбиявию фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷавонон мебошад. Бояд қайд намуд, ки баҳри бунёди оилаи солиму устувор пешгирии зӯроварӣ дар оила ва дар рӯҳияи неки инсонӣ тарбия намудани фарзандонро бояд ба роҳ монд.

**Намоз АМОНЗОДА,**
**судяи Суди шаҳри Душанбе,**
**Қубод ЮСУФЗОДА,**
**корманди дастгоҳи Суди шаҳри Душанбе**

# МАРҲАБО, БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ!

**Роҳи тайкардаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров шаҳодати густариши тамаддуни тоҷикон дар асри XX мебошад. Ин муассисаи олии таълимӣ барои вусъати инқилоби фикрӣ ва илмӣ дар сарзамини мо хизмати бузургеро анҷом додааст.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**




Дар партави сиёсати хирадгарона ва дурнигаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду такомули Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» шароити мусоид фароҳам омад.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ дар донишгоҳ вобаста ба талаботи замони муосир ва арзишҳои миллӣ факултету кафедраҳои нав ва ҷавобгӯ ба талаботи замон, шуъбаву марказҳо, толору озмоишгоҳҳои гуногун таъсис дода шуданд.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров давоми соли 2023 ҷиҳати расидан ба дастовардҳои арзанда аз тамоми имконият истифода бурда, дар самти татбиқи сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минбаъд низ тамоми иқтидор ва неруи худро равона месозад.

Айни замон фаъолияти таълимӣ дар 18 факултет ва 85 кафедра ба роҳ монда шудааст. Ҳоло аз рӯи 102 ихтисос дар шуъбаи рӯзона ва 42 ихтисос дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ таҳсил ҷараён дорад. Дар донишгоҳ 904 нафар омӯзгор, аз ҷумла 53 нафар доктори илм, профессор, 421 нафар номзади илм, дотсент, 216 нафар сармуаллим ва 214 нафар муаллим, фаъолият менамоянд, ки 52,3 фоизи теъдоди умумии омӯзгоронро устодони соҳибунвон ташкил медиҳанд.

Шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ 23801 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 11817 нафар (2909 буҷавӣ) дар шуъбаи рӯзона ва 11984 нафар (1073 буҷавӣ) дар шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ таҳсил менамоянд. Тибқи квотаи президентӣ 798 нафар, аз онҳо 408 нафар духтар, дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекунанд. Дар кафедраҳои донишгоҳ аз рӯи 2427 фан донишҷӯён ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Дар ҳамаи 18 факултети донишгоҳ раванди таълим тибқи низоми кредитии таҳсил ба роҳ монда шудааст. Назорати мунтазами раванди таълим, интизоми меҳнат ва давомоти донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ тавассути беш аз 600 камераи назоратӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар донишгоҳ ҳашт бинои таълимӣ, чор хобгоҳ, 356 синфхонаи таълимӣ, таҷҳизоти мултимедӣ дар ҳамаи аудиторияҳои таълимӣ, 203 тахтаи электронӣ, 470 проектор, 356 экран барои проектор, 339 принтер, 51 сервер, 265 гармусарддиҳанда, 232 ноутбук ва 2768 компютер бо пайвастшавии хати шабакаи ягонаи интернет мавҷуд мебошад, ки устодону донишҷӯён аз он васеъ истифода менамоянд. Шабакаи ягона тариқи нахи оптикӣ амал мекунад, ки дар Тоҷикистон назир надорад. Китобхонаҳои илмӣ, рақамӣ ва электронӣ фаъоланд.

Дар донишгоҳ 490 нафар магистрант аз рӯи 26 ихтисос таҳсил намуда, ба 48 кафедраи тахассусии донишгоҳ вобаста шудаанд. Дар самти таъсиси ихтисосҳои нав дар шуъбаи магистратура давоми соли ҷорӣ як ихтисос аз рӯи самти молия таъсис ёфт.

Дар шуъбаи докторантураи донишгоҳ айни ҳол ду нафар докторанти низоми анъанавӣ, 166 унвонҷӯ, 75 нафар докторант (PhD) аз рӯи ихтисосҳои гуногун бо корҳои илмӣ – тадқиқотӣ машғуланд.



